**ТАҚРИЗИ**

муқарризи расмӣ ба дисссертатсияи Мирзоева Савригул Давлатқадамовна дар мавзуи “Фаъолгардонии хонандагони имконияти маҳдуддоштаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди таълими фарогир бо истифода аз технологияи ғайрианъанавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.03 - Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) пешниҳод шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илмӣ.** Мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 13.00.03-Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия); банди 4.1. - сабабҳо, механизмҳо, аломатҳо, сохтори вайроншавии нутқ; банди 4.2. - усулҳои пешгирии вайроншавии нутқ, муайян кардан ва бартараф кардани онҳо тавассути таълиму тарбияи махсус; ва 4.3 - системаи корҳоиислоҳӣ, таҳияи системаи аз ҷиҳати илмӣ асосноки таълим, ислоҳ ва пешгирии ихтилоли нутқ мувофиқат мекунад. хонандагони нуқсони нутқ дошта

**Муҳиммият ва зарурати баргузории таҳқиқот**

Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ислоҳот ва навсозии низоми маориф барои кӯдакони имконияташон маҳдуд кӯшишҳои зиёд ба харҷ додааст. Имрӯз дар сатҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иқдом ҷиҳати инкишоф ва такмили таҳсилоти фарогир дастгирӣ карда мешавад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” дар мавриди таҳсилоти кӯдакони дорои эҳтиёҷоти махсус моддаҳои махсус дорад. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Стандарти муассисаи таълимии типи интернат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар навбати худ тартиби қабул, тартиботи дохилӣ, идоракунӣ, маблағгузорӣ ва хизматрасониҳои тиббиро дар ин мактабҳо пешбинӣ менамоянд.

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсияи** унвонҷӯ Мирзоева Савригул Давлатқадамовна дар он ифода меёбад, ки мавсуф зарурияти бозсозии раванди таълим ва такмили он тақозои замон буда; дар раванди таълим ва алалхусус таълими забони модарӣ дар таҳсилоти ибтидоӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Масъалаи ба таври гуногунҷанба дида баромадан ва ислоҳ намудани нуқсони нутқӣ такмили шакл, методҳо ва усулҳои баргузорӣ, баланд бардоштани маданияти умумӣ ва тайёрии касбии

омӯзгоронро бо суръати назаррас талаб менамояд. Худи унвонҷу низ ҷиҳати мубрам будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ қайд менамояд, ки “иҷрои ҳадафу вазифаҳо ба омодагии касбӣ, муносибати эҷодкоронаи омӯзгор алоқаманд аст. Заковати ӯ, ислоҳ намудани нуқсони нутқ бо шакли фаъолиятҳои логопедӣ, муҳаббат ба хонандагон, маҳорати педагогӣ, муносибати эҷодӣ ва фидокоронаи ӯ нисбат ба кор, саъю кӯшиши ӯ дар таълим, тарбия ва ташаккул додани қобилияти хонандагони нуқсони нутқ дошта нақши ҳалкунанда мегардад”.

Маҳз шиносоӣ бо сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиётҳои равонию педагогӣ ба унвонҷу имкон додааст, ки шароитҳои педагогии истифода ва фаъолгардонии усулҳои ғайрианънанавиро дар ислоҳ намудани нуқсони нутқи хонандагон дар дарсҳои забони модарии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ошкор ва таҳқиқ намояд.

**Дараҷаи асоснокнокӣ ва муътамад будани хулоса ва тавсияҳо**

Муҳаққиқ Мирзоева Савригул Давлатқадамовна аз омӯзиши масъалаи таҳқиқшаванда муайян намудааст, ки олимону муҳаққиқон дар педагогикаи ватанӣ ва хориҷӣ масъалаи меъёри омодагии педагогӣ-психологии хонандагон ба таълими савод, хусусиятҳои бозиҳои таълимӣ ва машқҳои дамгирӣ, бозиҳо барои маҳорати хондану навиштан, асосҳои назариявии истифодаи технологияи интерактивӣ, асосҳои назариявии ташаккули қобилиятҳои маърифатии хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ дар дарси забони модарӣ дар мактабҳои миёнаи Тоҷикистон бо хонандагони имконияташон маҳдудро таҳлилу баррасӣ намудаанд. Аз ин лиҳоз, таҳқиқ нагардидани шароитҳои педагогии ислоҳ намудани нуқсони нутқи хонандагони таҳсилоти ибтидоиро дар дарсҳои забони модарӣ ба воситаи технологияи ғайрианъанавӣ мубрамияти баррасии мавзуи мазкурро ба миён овард.

**Навгонии илмии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда** дар диссертатсия аз он лиҳоз муҳим арзёбӣ мегарданд, ки унвонҷӯ барои ислоҳ намудани нуқсони нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ омода намудани нақшаҳои дарсӣ тартиб дода, дар асоси барномаҳои таълимии фанни забони модарии таҳсилоти ибтидоӣ муқоисаи дарсҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ ва мутобиқ намудани онҳо ба таълими фаъол ва бо назардошти ислоҳи нуқсонҳои нутқро баргузор намудааст. Мавриди баргузории таҳқиқот аз усулҳои фаъоли таълим ба истифода аз кластер, синквейн, инсерт, гузаронидани семинар, муҳокимаронӣ, ташкили баҳс, методи таҳлил ва таркибӣ дар асоси дарсҳои саводомӯзӣ дар таҳсилоти ибтидоӣ истифода намудааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** аз муайян намудани мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, объект ва мавзуи он,

таҳлили сарчашмаҳо, таҳия, коркард ва таҳлили ҳаматарафаи кори тадқиқотӣ иборат мебошад. Муаллиф тӯли фаъолияти илмии худ асосҳои назариявию методологӣ ва хулосаву натиҷагириҳои кори таҳқиқотии мазкурро илман асоснок ва ба шакл даровардааст. Унвонҷу доир ба фаъолгардонии хонандагони нуқсони нутқ доштаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди таълими фарогир аз технологияи ғайрианъананавӣ корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ гузаронида, махсусан машқҳои логопедиро дар дарсҳои забони модарӣ барои ислоҳ намудани нуқсони нутқ самаранок амалӣ намудааст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо асоснокии мавқеъҳои асосии методологӣ таъмин карда мешавад, ки имкон медиҳанд муносибати низомӣ-якпорчагӣ ба ҳалли масъала ошкор карда шавад; истифодаи маҷмуи методҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ, ки ба объект, предмет (мавзӯи), мақсад, фарзия ва вазифаҳои он мувофиқанд татбиқ карда шудааст; натиҷаҳои мусбати кори озмоишӣ, маҷмӯи коркарди миқдории маълумоти бадастомада бо таҳлили сифатии онҳо муқоиса карда шавад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала; дар омӯзиши дурусти пажӯҳиши назариявӣ ва таҷрибавӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии натиҷаҳои пажӯҳиш; дар истифодаи маҷмӯи усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои пажӯҳиш; дар ташкилу баргузории пажӯҳиши озмоишӣ ва тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар давоми озмоиш, таҳияи воситаҳои ташхис барои муайян кардани мавқеи фанни фанни забони модарӣ ҳамчун воситаи ангезиши зеҳн ҷиҳати ислоҳ намудани нуқсони нутқи хонандагон бо воситаи технологияи ғайрианъанавӣ ва асосноккунии шароитҳои педагогии татбиқи самараноки ташкили корҳои озмоишӣ иборат мебошад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Аз ҷониби унвонҷӯ 1-дастури таълимӣ, 32-мақола, аз ҷумла 7-тои онҳо дар матбуоти даврии тавсиякардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 24 мақолаҳои илмӣ дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ нашр гардиданд.

**Ҳаҷм ва сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербанд, хулоса оид ба ҳар як боб, хулосаи умумӣ ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва муттасилӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

**Дар муқаддима** аҳамият ва мубрамияти мавзуи диссертатсия, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, инчунин аҳамияти назариявию амалии он, баргузории марҳилаҳои таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар пойгоҳҳои таҳқиқотӣ баррасӣ гардидааст.

Боби якуми диссертатсия « **Асосҳои назарияии ислоҳ намудани нуқсони нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ бо воситаи** технологияи ғайрианъанавии таълими забони модарӣ дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ» номгузорӣ шуда, таҳқиқи унвонҷӯ собит месозад, ки истифодаи дарсҳои ғайрианъанавӣ, назария ва ташкилу баргузории онҳо дар раванди таълим, яке аз муҳимтарин навгониест, ки дар асоси талаботи мактаб ва давру замон барои ислоҳ намудани нуқсони нутқи мусоидат мекунанд.

Унвонҷу комилан дуруст зикр менамояд, ки ҳар як навъи дарсҳо норасоӣ барои ҳалли оқилона ва самараноки ташкили таълимӣ доранд ва мушкилоти ҷойдоштаро метавон бо роҳи ба раванди таълим ворид ва ҷорӣ намудани шаклҳои ғайрианъанавии машғулиятҳои таълимӣ ҷуброн сохтан мумкин аст. Дарсҳои ғайрианъанавӣ аз анъанавӣ, пеш аз ҳама, бо мундариҷаи нав ва мумтозии худ фарқ мекунанд ва ҳар як дарс бо нотакрорияш бозёфти эҷодии омӯзгор ба ҳисоб меравад. Чунин дарсҳо дар қатори дарсҳои ташкилёфтаи анъанавӣ истифода бурда мешавад.

Дар ин маврид муҳим он аст, ки ҳар як хонанда дорои хусусиятҳо ва ниёзҳои беназир аст ва ба андешаю муошироти онҳо эҳтиром зоҳир кардан лозим аст. Ҳангоми муошират бо хонандагоне, ки нуқсони нутқ доранд, сабр ва таҳаммул зоҳир кардан лозим аст. Истифодаи усулҳои ислоҳӣ муҳим аст, то ба онҳо малакаҳои муошироти худро такмил диҳанд. Дар хотир доштан муҳим аст, ки ҳамаи хонандагон ҷиҳатҳои қавӣ ва заифии худро доранд. Нисбат ба онҳо эҳтиром ва таҳаммулпазирӣ зоҳир кардан лозим аст.

Мо ин пешниҳоди унвонҷуро пурра ҷонибдорӣ намуда, иброз медорем, ки воқеан, дар дарсҳо таъмин намудани ҳамкории байни омӯзгор ва хонандагон аз талаботи муҳимми ислоҳ намудани нуқсони нутқ ба ҳисоб меравад ва агар аз тарафи омӯзгор нақшаи дарси забони модарӣ вобаста ба нуқсони нутқи хонандагон омода шуда, усулҳои ғайринанавӣ - чун корҳои гуруҳӣ ва ҷуфтӣ, машқҳои логопедӣ ва монанди ин маҳз бо назардошти хусусиятҳои хонандагони нуқсони нутқ дошта ба роҳ монда шавад, дар ин самт ба муваффақиятҳо дастёб мегарданд.

Аз ҷумла, дар дарсҳои аввали забони модарӣ бозиҳои дидактикии "Шиносоӣ", "Силсиланомҳо", "Интизорӣ" ва ғайра истифода гардидааст. Барои огоҳ шудани нуқсони нутқи хонандагон бозии «Силсиланомҳо»-ро истифода гардидааст, ки ин бози ҳам барои аз худ кардани нуқсони нутқи хонандагон ва ҳам барои бой шудани захираи луғавӣ хонанда мусоидат

менамояд. Ташкили педагогии кори дунафараро бо такя ба истифодаи бозиҳои дидактикӣ ё худ таълимӣ дар оғози дарси забони модарӣ истифода бурдан бо маврид аст. Номи бозӣ дар ин маврид «Шиносоӣ» буда метавонад, ки омӯзгор аз нуқсони нутқи хонандагон бохабар шуда, барои ташхис саравввал назди логопед равона мегардонад.

Дар идомаи боби мазкур муҳаққиқ барои баланд бардоштани самаранокии корҳои ислоҳӣ логопедӣ тавсия медиҳад, ки онҳо барои ислоҳи нуқсонҳои нутқ истифода шавад. Дар вақти танаффус хонандагон метавонанд бо ёрии асбобҳои махсус ба монанди зонт ва дастача (шпател) забону комро маҳс намоянд. Дар миёнаи дарс дақиқаҳои истироҳат барои барқарор кардани нафаскашӣ дода шуда, дар доираи ин шакли кор иштирокчиён машқҳоро дар ҷуфт ва гурӯҳҳо иҷро мекунанд. Усулҳои маҳс вобаста ба нуқсони нутқ дар саҳифаҳои 60-64 рисолаи илмӣ оварда шудаанд.

Боби дуюми диссертатсия **«Шароитҳои ташаккул додани қобилияти эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд дар ҷараёни таълими муассисаҳои таҳсилотӣ»** номгузорӣ шудааст.

Дар оғози боби мазкур масъалат **тавсифи акустикии садоҳо дар корҳои ислоҳӣ ва артикулятсияи овозҳо дар дарсҳои забони модарӣ** таҳлил гардидааст. Ба ақидаи унвонҷӯ ислоҳ намудани нуқсони нутқ тавсифи акустикии садоҳо оид ба корҳои ислоҳӣ ва артикулятсияи овозҳо дар ташкилу баргузории усулҳои гайрианъанавӣ дар таълими дарси забони модарӣ дар таҳсилоти ибтидоӣ муҳим мебошад. Мо ба таври эътимоднок фикри муаллифи диссертатсияро ҷонибдорӣ менамоем, ки менависад: « дар дарсҳои забони модарӣ ба воситаи усули ғайрианънавӣ барои ислоҳ намудани нуқсони нутқ лаҳзаҳои дамгирӣ, ҷудо карда, машқхои махсус гузаронида шавад. Ҳар як машқ бояд ба таври ғайрианъанавӣ бо ҳамкории фаъоли байни омӯзгор ва хонандагон анҷом дода шавад”. (саҳ.73)

Дар идома унвонҷӯ **зарурияти банақшагирии машқҳои логопедӣ бо технологияи ғайрианъанавӣ дар дарсҳои забони модарии таҳсилоти ибтидоиро баррасӣ намуда,** истифодаи онҳоро яке аз шаклҳои ташкили таълиму тарбияи хонандагони дорои нуқсони нутқӣ меҳисобад. Дарсҳои ғайрианъанавӣ на танҳо барои баланд бардоштани савияи дониши хонандагон, балки барои маҳорати касбии худи омӯзгор ва коллективи педагогӣ вобаста буда, фаъолияти хонандагонро ба ҳаёт наздик месозанд.

Дар заминаи ҳамкорӣ ва тавсияҳои илмӣ –методии дар кори тадқиқотӣ дар муассисаҳои озмоишӣ бо омӯзгорони таҷрибадор нақшаҳои дарсро дар асоси талаботи дарси забони модарӣ барои ислоҳ намудани нуқсони нутқ таҳия намуда, мавриди амал қарор додааст.

(саҳ.92-100). Муҳаққиқ қайд менамояд, ки “муҳим он аст, ки дар дарсҳои ғайрианъанавии таълими забони модарии таҳсилоти ибтидоӣ омӯзгор ҳангоми омӯзонидани мавзуи нав аз лаҳзаҳои мустаҳкамкуниву такрор нуқсони нутқро ба воситаҳои машқҳои логопедӣ ислоҳ карда тавонад”.

Тавсияҳо оид ба боби мазкур исбот месозад, ки дар раванди таълими забони модарӣ бо ХННД-и таҳсилоти ибтидоӣ истифодаи самараноки технологияи ғайрианъанавӣ судманд буда, бо роҳи ислоҳ намудани нуқсони нутқ шавқовару муассир баргузор намудани дарс ва донишазхудкунии насли тозараси ҷомеа шароити мусоид ва муфид фароҳам меорад. Омӯзгорони таҳсилоти ибтидоиро зарур аст, дар нақшаи тақвимӣ мувофиқи нуқсони нутқи хонандагон аз навгониҳои мондани овоз ва ҳарфҳо, хонанда дар талаффуз кардан азият мекашад, дар даврони муосир тадриси ҳушмандона ва воқифона ба таври густурда баҳрабардорӣ намояд, то ки хонанда баъд аз синфи 4-юм бе нуқсон муошират карданро омӯзад.

**Дар боби 3 зери унвони “Нақши бозиҳои логопедӣ дар фаъолгардонии хонандагони дорои нуқсонҳои нутқи таҳсилоти ибтидоӣ бо истифода аз технологияи ғайрианъанавии таълими забони модарӣ”** хусусиятҳои бозиҳои логопедӣ ва истифодаи корҳои ислоҳии хонандагони нуқсони нутқӣ дар зинаи таҳсилоти ибтидоии дарсҳои забони модарӣ зимни озмоишҳои педагогӣ таҳқиқ гардидаст.

Бештар нақши бозиҳои логопедӣ дар фаъолгардонии ХННД ва ислоҳ намудани нуқсони нутқ таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди таълими забони модарӣ, омода кардани нақшаи такягоҳӣ мувофиқи нуқсон, муқоисаи калимаҳо, шаклҳои дарс-бозӣ, ба воситаи рақамҳо ишора кардани ҳарф, аз рӯи ҳарф ёфтани калимаҳо, ба гурӯҳҳо ҷудо кардани ХННД, дарсҳои нақшофарӣ барои сайқал додани тафаккури хонандагон ва ислоҳи нуқсони нутқи хонандагон натиҷабардорӣ карда шуд.

Дар таҳқиқот оид ба масъалаи “Аҳамияти сифат дар нутқ” 4- амсила дар бораи машқҳои логопедӣ бо технологияи ғайрианъанавӣ дар инкишоф додани қобилияти хонандагон истифода ва натиҷабардорӣ гардида, ки инҳо: дар амсилаи 1-ум шиносоӣ бо технологияи ғайрианъанавӣ, амсилаи 2-юм машқҳои логопедӣ бо технологияи ғайрианъанавӣ маълумот дар бораи ҳиссаҳои нутқ ва перфокартаҳо; амсилаи 3-юм истифодаи расмҳои ашёӣ барои ислоҳ намудани нуқсони нутқ бо технологияи ғайрианъанавӣ барои инкишоф додани тафаккури зеҳнии ХННД; дар амсилаи 4-ум истифодаи роҳу усулҳо барои ислоҳ намудани нуқсони нутқ дар инкишоф додани захираи луғавӣ мебошанд.

Тавре муҳаққиқ қайд менамояд, ҳангоми истифодаи технологияи ғайрианъанавӣ фарқи асосии байни гурӯҳҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ

барои ислоҳ намудани нуқсонҳои нутқ дар он буд, ки дар гурӯҳҳои тачрибавӣ дарсҳо бо истифодаи доимии технологияи ғайрианъанавӣ гузаронида мешуданд. Дар натичаи таҳлили муқоисавии натичаҳои азхудкунии дониш дар гурӯҳҳое, ки дарсҳо бо истифода аз бозиҳои логопедӣ гузаронида мешуданд, маълум гардид, ки сатҳи дониши ин гурӯҳҳо баландтар будааст. Дар ин мврид онҳо метавонанд озодона савол диҳад, дар мубоҳисаҳо ширкат варзад, нуқсонҳои нутқро ислоҳ кунад, дар якчояги бо ҳамсинфон ба кори худ баҳо диҳад, инчунин қарор қабул ва андешаи худро баён намоянд.

Лозим ба таъкид аст, ки унвончӯ зимни ташкилу гузаронидани корҳои тачрибавӣ-озмоишӣ кӯшиш ба харч додааст, ки дар ҳар як марҳилаи таҳқиқот нуктаҳои дар фарзия пешбинишударо оид ба фаъолгардонии хонандагони имконияти маҳдуддоштаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, махсусан нуқсони нутқ доштаро дар раванди таълими забони модарӣ аз технологияи ғайрианънанавӣ ҳамчун омили баланд бардоштани муошират тасдиқ намоянд. Дар чараёни истифодаи технологияи ғайрианъанавӣ аз фанни забони модарӣ, махсусан машқҳои логопедӣ, фаъолият раванди таълимро дар мактаб бо хонандагони нуқсон нутқ дошта пурмазмун, шавқовар ва чолибу муассир гардонидан мумкин аст.

Дар фарчоми рисола хулосаи умумӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натичаҳо оварда шудааст. Муҳтавои автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натичаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Мақолаҳои дар нашрияҳои илмии тақризшаванда ба табъ расонидаи унвончӯ муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро фаро мегиранд.

Дар умум, диссертатсияи Мирзоева Савригул Давлатқадамовна дар мавзуи “Фаъолгардонии хонандагони имконияти маҳдуддоштаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди таълими фарогир бо истифода аз технологияи ғайрианъанавӣ (дар мисоли Чумҳурии Точикистон)”, ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.03 - Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) таҳқикоти анчомёфтаи илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ мебошад. Автореферат мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, тибқи талаботи мавчуда омода карда шудааст.

**Эродҳо ба таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Зикр намудан ба маврид аст, ки дар баробари дастовардҳои илмии назариявию амалии муҳаққиқ, дар диссертатсия норасоиҳои зерин дида мешавад:

1. Муҳаққиқ дар масъалаи фаъолгардонии хонандагони имконияти маҳдуддоштаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди таълими фарогирро аз нуқтаи назари педагогию психологӣ омӯзишу таҳлил намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот боз ҳам самараноктар мешуд, агар унвонҷӯ аз ҷиҳатии психологӣ хусусиятҳои синну солии хонандагони имконияти маҳдуддоштаро васеътару амиқтар таҳқиқ менамуд.

2. Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки агар унвонҷӯ дар боби дуюм ва сеюми рисола роҳу усулҳои кор бо падару модари хонандагони имконияти маҳдудошта, махсусан дорои нуқсони нутқ доштаро дар таъмин намудани муҳити мусоиди таълим ворид ва натиҷагирӣ намуда, ба онҳо тавсияҳо пешниҳод мекарданд.

3. Мебояд, муҳаққиқ дар рисола барномаи мукаммали корӣ оид ба фаъолгардонии хонандагони имконияти маҳдуддоштаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди таълими фарогирро бо истифода аз технологияи ғайрианъанавӣ пешниҳод намуда, сипас ташхиси онро дар қисмати амалии кор, баргузор ва натиҷагирӣ менамуд, ки арзиши амалии тадқиқотро бештар менамуд.

4. Тавсия дода мешавад, ки муҳаққиқ дар оянда аз натиҷаи кор тавсияҳои методиро дар шакли дастури методӣ барои омӯзгорону мутахассисон, махсусан логопедҳо, ки бо кӯдакони нуқсони нутқ дошта кор мебаранд, бо истифода аз технологияи ғайрианъанавӣ пешниҳод намояд.

5. Дар матни фишурдаи кор ва рисолаи илмӣ ғалатҳои техникию имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки таҳрируислоҳ мехоҳанд.

Камбудӣ ва нуқсонҳои зикргардида наметавонад аз арзиши аслии диссертатсия ва автореферати тақризшаванда чизеро коҳонад. Бинобар ин, дар асоси мазмуну муҳтавои рисола метавон ба хулосае омад, ки он кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона иҷро карда шудааст. Нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои рисолаи илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд.

## Мувофиқати автореферат ва диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бинобар ин, диссертатсияи номзадии Мирзоева Савригул Давлатқадамовна дар "Фаъолгардонии хонандагони имконияти маҳдуддоштаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди таълими фарогир бо истифода аз технологияи ғайрианъанавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии

Тоҷикистон)" кори илмии бaaнҷомрасида буда, ба талаботе, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст, ҷавобгӯ мебошад. Фишурдаи рисола ва силсилаи мақолоте, ки унвонҷӯ перомуни мавзуъ дар маҷаллаҳои илмии тайиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп кардааст, муҳтавои диссертатсияро инъикос намудаанд.

Дар умум, таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоева Савригул Давлатқадамовна дар мавзуи "Фаъолгардонии хонандагони имконияти маҳдуддоштаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди таълими фарогир бо истифода аз технологияи ғайрианъанавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" кори илмии мустақилона бaaнҷомрасида маҳсуб дониста шуда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295 тасдиқ гардидааст, тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.03 - Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи
педагогикаи умумидонишгоҳии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Юнусова Н.М.

30.10.2025

**Маълумот барои тамос:**
Нишонӣ: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Хиёбони Рӯдаки 17, E-mail: info@tnu.tj; nafisa48@mail.ru.

*Имзои Юнусова Нафисахон Муродовнаро тасдиқ мекунам.*

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш